**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ тахти унвони «Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабони Афғонистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси (10.01.09 – фолклоршиносӣ)**

Зарбулмасал яке аз муҳимтарин жанрҳои фолклорӣ мебошад, ки муҳаққиқони соҳаи фолклоршиносӣ дар тамоми кишварҳои дунё ба гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи он машғул буда, рисолаҳои илмӣ таълиф намудаанд. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла А.Тейлор ва Г.Л.Пермяков нисбат ба ин жанр истилоҳи «паремиология» (зарбулмасалшиносӣ)-ро мавриди истифода қарор додаанд.

Дар аввали қарни XXI моҳияти жанрҳои фолклорӣ ва густариши онҳо дар байни мардум таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаро бештар ҷалб намуд. Дар кишварҳои гуногуни олам оид ба мавқеи зарбулмасал дар байни мардум осори таҳқиқии зиёд таълиф гардид. Дар ин замина баҳсҳои ҷолибе ба вуҷуд омад, ки ҳамаи ин ба омӯхтани аҳаммияти зарбулмасал дар адабиёти шифоҳӣ (гуфторӣ) арзишманд аст.

Чунонки аз автореферат бармеояд, рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 176 саҳифаи стандартии компютериро дар бар мегирад

Дар қисмати муқаддима муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати дисертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи дисертатсия, сохтор ва ҳаҷми корро нишон додааст.

Боби аввали диссертатсия «Таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон» номгузорӣ шуда, дар навбати худ аз се фасл иборат аст ва ба мавзуъҳои «Корбурди истилоҳи «зарбулмасал» ва муродифҳои он», «Гирдоварӣ ва нашри зарбулмасалҳои даризабонон», «Таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонон» бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба «зарбулмасал» ва таснифоти онҳо, аз ҷумла, «зарбулмасал», «масал», «матал», «мисол», «тамсил», «амсол», «ҳикам» мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола - «Хусусиятҳои жанрӣ, мавзуъ ва муқоисаи зарбулмасалҳои даризабонон ва ҳамзабонон» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Муаллиф дар ин боб перомуни масъалаҳои «Дар бораи хусусияти жанрии зарбулмасалҳо», «Мавзуъҳои зарбулмасалҳо», «Муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабонон» баҳс мекунад. Тавре худи муаллиф низ қайд кардааст, дар ин боб бештар ба мавзуъ, мундариҷа, хусусиятҳои жанрии зарбулмасалҳо ва муқоисаи онҳо ба дигар зарбулмасалҳои ҳамзабон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола - «Сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон» ном дошта, аз чор фасл - «Сохтор, вазн, қофия, радиф ва саҷъ дар зарбулмасалҳо», «Воситаҳои тасвири бадеӣ: тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя ва мувозӣ (параллелизм)», «Зарбулмасалҳо дар контекст» ва «Хусусияти забонӣ ва услубии зарбулмасалҳо» таркиб ёфтааст. Ин ҷо муаллиф ёдовар мешавад, ки бархе муҳаққиқон зарбулмасалҳоро дар контекст сабт намудаанд. Сипас, бо мисолҳо нақши матн дар контекст нишон дода шудааст. Барои мисол, зарбулмасали «Дастатро ба дарёи Атак шустӣ, очор болои сарат надидӣ?»-ро Р.Раҳмонӣ соли 1983 дар бозор шунида сабт менамояд, аз назар гузаронида мешавад. Дар контекст овардани зарбулмасал аз чанд ҷиҳат арзишманд аст: 1) Асли ҳадафи зарбулмасал ошкор мегардад. 2) Чӣ гуна таъсир намудани зарбулмасал ба шунаванда маълум мешавад. 3) Он ҳикоят, ривоят ё афсонае, ки боиси пайдо шудани зарбулмасал шудааст, низ чун матни мустақили адабиёти шифоҳӣ ба кор меравад.

Хулосаи кор хуб аст, муаллиф тавонистааст, ки ба таври мухтасар асоситарин натиҷаҳои бобҳову фаслҳои таҳқиқоти хешро ба таври муҷаз баррасӣ намояд. Аз баррасии муфассали маводи мавҷуд маълум мешавад, ки то ба имрӯз роҷеъ ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон ғайр аз мақолаҳои ҷудогона ва пешгуфторҳои маҷмуаҳо ва нақду баҳсҳои мухтасари илмӣ кори муфассали илмии монографӣ сурат нагирифтааст. Ин диссертатсия, ки анҷом пазируфтаст, аввалин кори куллӣ буда, барои таҳқиқ ва таҳлилу ҷузъиёти бештари зарбулмасалҳои даризабонон як навъ роҳнамо хоҳад буд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ қобили таваҷҷуҳанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Ализода Наврӯз Алиро, дар асоси матни автореферат, метавон таҳқиқи мукаммали илмии анҷомёфта номид.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳо, ба монанди ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Умуман, автореферати кори диссертатсионии Ализода Наврӯз Алӣ таҳти унвони таҳти унвони “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабони Афғонистон” пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси (10.01.09 – фолклоршиносӣ) сазовор мебошад.

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Г.Н.

Имзои Зулфиев Г.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992) 985167569

4-уми сентябри соли 2023